# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Автореферати мазкур дар заминаи таҳқиқоти диссертатсия дар мавзуи танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ аз ҷониби муаллиф дар ҳаҷми 87 саҳифа (бо забони тоҷикӣ ва русӣ) таҳия шудааст, ки дар идоракунии давлатии соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муҳим буда, мубрам арзёбӣ мегардад. Мавзуи мазкур дар шароити муосири рушди муносибатҳои байналмилалӣ, густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ ва афзоиши иштироки шахсони воқеӣ дар муносибатҳои фаромарзӣ, аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад. Сохтори автореферат бо риояи талаботҳои Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, омода карда шуда, мазмуни асосии диссертатсияро ифода менамояд.

**Мубрамият ва аҳаммияти илмии мавзуъ.** Муаллиф дар муқаддимаи автореферат ба таври муфассал мубрамияти мавзуро асоснок намуда, қайд менамояд, ки дар шароити муосири рушди босуръати равандҳои ҷаҳонишавӣ, густариши ҳамгироии байналмилалӣ ва афзоиши робитаҳои фаромиллӣ, масъалаи танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ аҳаммияти хосса касб намудааст. Тавре аз талаботи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028 бармеояд, меҳвари асосии сиёсати ҳуқуқии давлатро арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати ҳифзи онҳо ташкил медиҳад, ки дар ин замина танзими дуруст ва муосири вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ яке аз самтҳои муҳими рушди низоми ҳуқуқи миллӣ ба ҳисоб меравад.

Дар воқеъ, густариши муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии фаромиллӣ, афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ, тавсеаи муносибатҳои оилавии байнидавлатӣ ва иштироки фаъолонаи шахсони воқеӣ дар равандҳои байналмилалӣ боиси он гардидааст, ки шумораи муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ ба таври назаррас зиёд гардад. Ин раванд зарурати такмили танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ, аз ҷумла, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва дигар иштирокдорони чунин муносибатҳоро ба миён меорад.

Инчунин, сиёсати «дарҳои кушод»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати сулҳпарварона ва ваҳдатофарини Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва афзоиши ҳамкориҳо бо давлатҳои хориҷӣ мусоидат намуда, муҳити ҳуқуқии нави фаромиллиро ташаккул медиҳад. Дар натиҷа, муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ бо иштироки шахсони воқеӣ на танҳо дар дохили давлат, балки бо

оқибатҳои ҳуқуқии фаромиллӣ ба миён меоянд, ки ин ҳолат таҳлили амиқи масъалаҳои коллизионӣ ва муайян намудани қонуни татбиқшавандаро тақозо менамояд.

Бо дарназардошти он ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ то андозае номукаммал мебошад, таҳқиқи илмии ин масъалаҳо аҳаммияти махсус касб менамояд. Махсусан, зарурати муайян намудани мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва гурезагон, масъалаҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии онҳо, инчунин, танзими ҳолатҳои бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахсони воқеӣ, ҳамчун самтҳои муҳими таҳқиқот боқӣ мемонанд.

Ҳамзамон, зарурати мутобиқсозии меъёрҳои миллӣ бо санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва таҳкими ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар раванди танзими муносибатҳои фаромиллӣ аз масъалаҳои муҳими илмӣ ва амалӣ маҳсуб меёбад. Дар ин замина, таҳқиқи масъалаи мавриди назар на танҳо аҳаммияти назариявӣ дорад, балки барои такмили қонунгузории миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амалия низ аҳаммияти хосса пайдо мекунад.

**Сохтор ва мазмуни автореферат.** Автореферат тибқи талаботи амалкунанда таҳия гардида, қисматҳои асосии таҳқиқотро дар бар мегирад. Дар қисми тавсифи умумии таҳқиқот мақсад (омӯзиши ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ), вазифаҳо (таҳлили қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ, омӯзиши қонунгузорӣ, баррасии масъалаҳои маданӣ, меросӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва мурофиавӣ), объект (муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ), мавзуъ (қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ), асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот муайян карда шудаанд.

**Қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда).** Дар муқаддимаи таҳқиқоти рисола муаллиф мубрамияти мавзуи интихобшударо дар заминаи тамоюли муосири рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ асоснок намуда, мақсад, вазифа, объект ва предмети таҳқиқот, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии онро мушаххас муайян кардааст.

Боби якум – «Масъалаҳои муайян кардани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» ба таҳлили асосҳои ҳуқуқии танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ бахшида шуда, дар он муаллиф нишон медиҳад, ки чунин муносибатҳо соҳаҳои маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва мурофиавиро фаро гирифта, тавассути меъёрҳои миллӣ ва байналмилалӣ танзим мегарданд. Ҳамзамон, масъалаҳои коллизионии муайян намудани қонуни татбиқшаванда, вобастагӣ аз шаҳрвандӣ ва ҷойи истиқомат, мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Дар зербоби дуюм масъалаи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ баррасӣ гардида, таъкид мешавад, ки ин масъалаҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ хусусияти коллизионӣ дошта, асосан тавассути принсипи «қонуни шахсӣ» (lex personalis) ҳал карда мешаванд. Муаллиф нақши қонуни шахсиро

ҳамчун воситаи асосии муайянкунандаи мақоми ҳуқуқии шахсони воқеӣ асоснок менамояд.

Боби дуюм – «Масоили танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ» масъалаи қонуни шахсӣ ва татбиқи он дар низоми гуногуни ҳуқуқиро фаро мегирад. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар амалияи байналмилалӣ ду меъёри асосӣ – қонуни шаҳрвандӣ (lex patriae) ва қонуни маҳалли истиқомат (lex domicilii) истифода мешаванд. Ҳамчунин, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми омехтаи ин меъёрҳо татбиқ мегардад. Дар боби мазкур масъалаи бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон намудани шахсони воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ таҳлил шуда, аҳаммияти он барои таъмини устувории муомилоти ҳуқуқӣ ва ҳифзи манфиатҳои субъектҳо асоснок карда мешавад. Муаллиф нишон медиҳад, ки чунин масъалаҳо асосан тибқи қонунгузории миллӣ ҳал гардида, дар баробари он меъёрҳои байналмилалӣ низ нақши муҳим доранд.

Дар боби сеюм бошад «Махсусиятҳои танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои хусусӣ бо унсури хориҷӣ мураккабгашта» таҳлили муносибатҳои мушаххас ба роҳ монда шудааст. Муаллиф масъалаҳои танзими муносибатҳои меросиро баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки принсипи асосӣ дар ин соҳа қонуни маҳалли истиқомати охирини меросгузор мебошад, гарчанде дар ҳолатҳои муайян интихоби қонуни шаҳрвандӣ низ имконпазир аст. Ҳамчунин, муносибатҳои оилавӣ таҳлил гардида, таъкид мешавад, ки дар онҳо принсипи қонуни шахсӣ нақши асосӣ дорад. Муаллиф масъалаҳои бастан ва бекор кардани ақди никоҳ, эътирофи никоҳҳои хориҷӣ ва хусусиятҳои танзими муносибатҳои оилавиро дар шароити гуногунии низомҳои ҳуқуқӣ баррасӣ менамояд. Дар бахши муносибатҳои меҳнатӣ муаллиф ба набудани меъёрҳои коллизионии махсус дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора намуда, зарурати такмили он ва ҷорӣ намудани принсипҳои муосир, аз ҷумла қонуни ҷойи кор (lex loci laboris) ва мухторияти иродаи тарафҳоро асоснок мекунад.

Дар қисмати хулоса муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили қонунгузории миллӣ, рушди меъёрҳои коллизионӣ ва баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои дорои унсури хориҷиро манзур менамояд.

**Навгонии илмӣ ва нуктаҳои ҳимояшаванда.** Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳлили комплексии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ифода меёбад. Муаллиф масъалаҳои муҳими марбут ба қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ, татбиқи қонуни шахсӣ (lex personalis), принсипи реҷаи миллӣ ва дигар институтҳои калидиро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд барои такмили қонунгузории миллӣ ва беҳтар намудани амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ истифода шаванд.

Дар автореферат масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ, оилавӣ ва меросӣ бо унсури хориҷӣ низ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, пешниҳодҳои муфид оид ба такмили қонунгузорӣ ироа гардидаанд.

Бо вуҷуди арзишманд будани таҳқиқот, дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, муаллиф ба масъалаи таҳлили таърихи ташаккул ва рушди танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир накардааст. Ба андешаи мо, фарогирии ҷанбаҳои таърихӣ ва марҳилаҳои асосии рушди ин институт, аз ҷумла, таҳлили таҳаввулоти қонунгузорӣ дар давраҳои гуногун (аз замони ташаккули қонунгузории миллӣ то марҳилаи муосир), имкон медод, ки заминаҳои пайдоиш ва рушди меъёрҳои амалкунанда амиқтар ва муфассал кардан ба мақсад мувофиқ мебошад. Мушкилоти зикршуда хусусияти умумӣ надошта, ба арзиши илмии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» кори анҷомёфтаи таҳқиқоти илмӣ буда, дорои сохтори мантиқӣ, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар такмили қонунгузории миллӣ, фаъолияти мақомоти судӣ ва дар раванди таълими фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи оилавӣ», «Ҳуқуқи меҳнатӣ» ва «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ», инчунин, курсҳои махсус дар донишгоҳҳои олии кишвар истифода шаванд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон қайд намуд, ки муаллиф Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.


**Тақриздиҳанда:**
**муовини сардори раёсати ҳуқуқи**
**Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,** **Мансурӣ Шодмон**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Ҷамолиддинзода**

Суроға: **Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, к. С.Абдуллоев, х.9/10.**
**Тел.: (+992) 900-12-00-55.**
**E-mail: mansoorovshj@mail.ru**

Имзоро тасдиқ менамоям:
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва**
**коргузории махсуси Дастгоҳи Маҷлиси** **Сафарзода**
**намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ** **Файзали Сафар**
**«11» 05 соли 2026**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС · ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Суроға: **734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.**
**Тел.: (+992 37) 221-33-07.**
**E-mail: kadr.parlament.@mail.ru**